**Тақризи**

**муқарризи расмӣ, номзади илмҳои фалсафа, дотсент Султонзода Соқӣ Аслон ба диссертатсияи Назаров Саъдулло Турахонович дар мавзӯи «Афкори фалсафӣ ва иҷтимоӣ-сиёсии Ибни Боҷҷа», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа, аз рӯи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа. Душанбе, 2021. – 153 саҳ.**

Мероси илмию фалсафии мутафаккирони асримиёнагии олами ислом ниҳоят ғановатманду рангин буда, дар саргаҳи ин мероси бебаҳо донишмандоне чун Абубакри Розию Форобӣ, Берунию Ибни Сино ва даҳҳо мутафаккирони дигар қарор доранд, ки аз дудмони тоҷикони ориёиянд. Суннатҳои мактаби машшоияи шарқӣ, ки аз перипатетизми Юнони Қадим сарчашма мегиранд, пас аз он ки дар таълимоти мутафаккирони болозикр, хусусан Форобию Ибни Сино ба авҷи аълои рушду камол расидаанд, минбаъд низ дар таълимоти мутафаккирони мусулмони ҳам Шарқу ҳам Ғарб мавриди такмил қарор доштаанд. Яке аз мутафаккироне, ки дар Ғарби мусулмонӣ таълимоти фалсафии Форобию Ибни Синоро тақвият бахшида, ба олами насронӣ бештар шиносонидааст, Ибни Боҷҷа мебошад. Бинобар ин, диссертатсияи Назаров Саъдулло Турахонович дар мавзӯи «Афкори фалсафӣ ва иҷтимоӣ-сиёсии Ибни Боҷҷа», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа, аз рӯи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа пешниҳод гардидааст, мавзӯи муҳиму актуалӣ буда, ҳалли масъалаҳои дар он пешниҳодгардида дорои аҳамияти назариявӣ, методологӣ ва навгонии илмӣ мебошад.

**Мубрамияти мавзӯи таҳқиқшавандаро** диссертант бо он асоснок менамояд, ки Ибни Боҷҷа яке аз шахсиятҳои бузурги фалсафаи асримиёнагӣ шуморида шуда, фалсафаи машшоия, махсусан фалсафаи Форобиро бо андешаҳои тозаи худ ғанӣ сохта аст ва ба тарғиби он дар минтақаи ғарбии хилофат шуғл варзида аст. Ба назари диссертант, маҳз натиҷаи талошҳои ӯ буд, ки донишмандони ғарбӣ, махсусан дар

Андалусия бо афкори фалсафию ахлоқии мутафаккирони Шарқи исломӣ шинос шуданд. Диссертант муътақид аст, ки албатта, Ибни Боҷҷа танҳо тарғибгари ақидаҳои Форобию Ибни Сино набуд, балки дар фалсафа, ҷомеашиносӣ, сиёсат ва махсусан ахлоқ андешаҳои тозаи худро дошт. Аз ин рӯ, таҳқиқи андешаҳои ин мутафаккир ва фаъолияти ташвиқгаронаи ӯ хеле муҳим мебошанд.

Аз ин рӯ, диссертант чунин мешуморад, ки бисёре аз назарияҳои ин шахсияти бузурги фалсафӣ сазовори таҳқиқ ва баррасии ҳамаҷониба мебошад. Бинобар ин, диссертант рисолаи худро қадами аввалу ҷиддие дар омӯзишу баррасии таълимоти фалсафии Ибни Боҷҷа дар муҳити илмии собиқ шуравӣ ва пасошуравӣ ҳисобида, таъкид мекунад, ки вай халои илмии дар таҳқиқи фалсафаи машшоияи Шарқ ба вуҷуд омадаро пурра ва мукаммал месозад.

Дигар андешаи муътақидсози диссертант он аст, ки фалсафаи Ибни Боҷҷа ба рушди фалсафаи шарқӣ дар Андалусия таъсири амиқ расонида, ҳалқаи пайвандгари байни Форобӣ ва Ибни Рушдро ташкил дода, ба ташаккули ақидаҳои Ибни Туфайлу Ибни Рушд таъсир расонидааст. Ба ишораи диссертант Ибни Боҷҷа аз бисёр ҷиҳат рушди мутассил ва хусусияти ақлонии фалсафаи файласуфони ғарби мусулмонро муайян карда, дар илму фалсафа мақоми арзанда дорад, ки ӯро дар радифи асосгузорони илми замони нав: Декарт, Галилей, Бруно, Паскал, Нютон, Спиноза қарор додааст.

Яке аз даъвоҳои асосии диссертант, ки Ибни Боҷҷаро ҳамчун мутафаккири комилу соҳибмактаб ҷилва медиҳад, ин фарқияти асосии фалсафаи иҷтимоӣ-сиёсии Ибни Боҷҷа дар тафовут аз файласуфони дигари шарқӣ мебошад. Ба назари диссертант вай кӯшиш намудааст, то таваҷҷуҳи худро ба таҳқиқи давлат, ҳамчуноне ки чунин корро Афлотун ба ҷо оварда буд, равона созад. Дар баробари ин, Ибни Боҷҷа назарияи башардӯстонаи худро дар асарҳояш баён доштааст ва кӯшиш намудааст, ки роҳу воситаҳои наҷоти инсонро дар он воқеияти

мавчуда пайдо намояд.

**Дар қисмати сатҳи омӯхта** шудани мавзӯъ диссертант ба таври хеле мухтасар таҳқиқоти анҷомдодаи олимону муҳаққиқони ватанию собиқ Шӯравӣ ва хориҷиро баррасӣ карда, аз бурду бохти онҳо ҳарф задааст.

Диссертант **ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқотро** дар омӯзиш ва таҳлили афкори фалсафии Ибни Боҷҷа, сабабҳои пайравии ӯ ба таълимоти Форобӣ ва Ибни Сино, ошкор намудани таъсири мероси фалсафии ӯ ба мутафаккирони минбаъда мебинад ва аз ҷумла масъалаҳои зеринро мавриди омӯзишу пажӯҳиш қарор медиҳад: омӯзиш ва баррасии шароити иҷтимоиву сиёсии даврай зиндагӣ ва эҷодиёти мутафаккир; омӯзиш ва таҳлили рушду инкишофи фарҳанг ва илмии даврони мутафаккир; таҳлил ва баррасии сарчашма ва заминаҳои ғоявии ташаккул ва инкишофи таълимоти фалсафӣ ва иҷтимоӣ-сиёсии мутафаккир; баррасӣ ва таҳлили масоили ҳастишиносӣ ва маърифатшиносӣ дар афкори фалсафии мутафаккир ва пайравии ӯ ба файласуфони шарқӣ: Ал-Форобӣ ва Ибни Сино; баррасӣ ва таҳлили назари мутафаккир доир ба ҷомеа; омӯзиш ва баррасии фалсафаи амалии Ибни Боҷҷа; нишон додани саҳми Ибни Боҷҷа дар тарғиби таълимоти фалсафии машшоияи шарқӣ; таҳлили таълимоти ахлоқии Ибни Боҷҷа ва таъсири он ба мутафаккирони баъдинаи асрҳои миёна.

Ба ҳайси **навгонии илмӣ** диссертант дар диссертатсия нуктаҳои муҳими дастовардҳои илмиашро, ки дар натиҷаи таҳлилҳои илмии индуктивию дедуктивӣ, герменевтикию муқоисавӣ ба даст омадаанд, ба таври зайл пешкаш намудааст:

- дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мероси фалсафӣ-назариявии Ибни Боҷҷа бори аввал баррасӣ мегардад;

- муайян карда шуд, ки сарфи назар аз мураккабии зиндагияш Ибни Боҷҷа тавонистааст синтези ҳикмати Юнон ва исломро такмил

бахшида, дар таълимоти фалсафиаш истифода намояд;

- мушаххас карда шуд, ки ҳастишиносии Ибни Боҷҷа ба назарияи ҳастишиносии Ибни Сино ва Форобӣ сахт шабоҳат дорад. Дар баробари ҷавҳари аҷсом Ибни Боҷҷа дар пайравӣ ба Ибни Сино ва Форобӣ масъалаҳои назарияи сабабият, ҳаракат, макон ва замон, азалият ва абадияти олам, масъалаи тағйирот ва субот, инчунин ҷиҳатҳои фалсафии таълимот дар бораи нафсро мавриди таҳлил қарор додааст;

- бори нахуст кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки масъалаи маърифатшиносӣ дар афкори фалсафии Ибни Боҷҷа, ки то ин вақт дар таҳқиқотҳои илмӣ дар шакли низоми муайяни илмӣ таҳқиқ нашуда буд, пай дар пай тавсифу баёни худро пайдо кунад;

- дар рафти таҳқиқот мушаххас гардид, ки Ибни Боҷҷа ба он муқаррароте такя менамояд, ки инсон аз рӯи табиати худ узви ҷомеаи шаҳрвандӣ, ҷамъиятӣ ва сиёсӣ-фарҳангӣ мебошад. Ба андешаи ӯ, муттаҳид гардидан дар шаҳрҳо талаботи табиӣ буда, он сабаби маърифатнокӣ ва унс гирифтани одамон мегардад. Масъалаи шахс ва мақоми ӯ дар ҷомеа, ки яке аз масъалаҳои муҳими фалсафаи машшоия ба ҳисоб меравaнд, дар осори Ибни Боҷҷа низ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Ибни Боҷҷа нисбати онҳо назари тозаи худро дорад ва он назари ҷуғрофӣ-иҷтимоӣ доир ба инсон ва тамаддуни он мебошад, ки дар таҳқиқотҳои то ба ин вақт анҷомшуда камтар ба он эътибор дода шуда аст. Дар рисола масъалаи мазкур таҳлили муфассали худро пайдо кардааст;

- масъалаҳои фалсафаи амалии мутафаккир бори аввал мавриди омӯзишу баррасӣ қарор гирифтаанд, аз ҷумла масъалаи оила, муоширaт, тарбияи фарзанд ва ғайра.

Дар қисмати **нуктаҳои асосие, ки ба ҳимоя пешниҳод гардидаанд,** диссертант матлаби асосии таҳқиқоти худро дар 5 пункт пешкаш гардонидааст.

**Аҳамияти илмию амалии диссертатсия** дар он зоҳир мегарданд, ки натиҷаҳои кори диссертатсионӣ ва хулосаҳои онро метавон дар омӯзиши минбаъдаи ақидаҳои фалсафии Ибни Боҷҷа ва умуман фалсафаи Шарқ истифода намуд. Дар баробари ин, метавон маводи онро барои таҳияи барномаҳои дарсӣ, машғулиятҳои лексионӣ ва семинарҳо оид ба фалсафа ва фарҳанги исломӣ, таърихи фалсафа, фалсафаи фарҳанг, фалсафаи антропологӣ, таърихи ислом ва диншиносӣ истифода кард.

**Сохтори диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 153 саҳифаро дар бар мегирад.

Боби якуми диссертатсия **«Заминаҳои таърихӣ ва сарчашмаҳои ғоявии ташаккули афкори фалсафӣ ва иҷтимоӣ-сиёсии Ибни Боҷҷа»** номгузорӣ шуда, аз се зербоб иборат мебошад.

Дар зербоби якум **"Вазъи иҷтимоӣ-сиёсии замони Ибни Боҷҷа"** диссертант дар асоси таҳқиқоти асосан Кудрявцев А.Е. ва Корсунский А.Р. вазъияти иҷтимоӣ-сиёсии замони Ибни Боҷҷа, ки дар Андалусия мезист нишон дода, вазъиятро аслан ноором ва пур аз таззоду муборизаҳои ҳокимони араб бо мардуми бумии заптгардида қаламдод намудааст. Ба навиштаи диссертант Ибни Боҷҷа алорағми ҳамаи ин нооромиҳо дар рушду нумуи илму фалсафаи замони худ хизмати бедареғ кардааст.

Зербоби дуюми диссертатсия мавзӯи **"Заминаҳои фарҳангӣ ва илмии давраи Ибни Боҷҷа"**-ро дар бар мегирад. Дастоварди хуби диссертант дар ин зербоб дар он аст, ки вай пайванд гардидан ва дар якҷоягӣ рушд кардани якчанд фарҳанг ва ҳатто динҳоро дар мисоли дини ислом, насронӣ ва яҳудия нишон дода тавонистааст. Ба навиштаи диссертант Мосарабҳо дар шаҳрҳои Кордоба, Толедо, Сарагоса, Мадрид ва ғайра калисоҳо, дайрҳову ибодатгоҳҳо ва маъбадҳои худро доштанд. Ҳолатҳое буданд, ки як бино дар як вақт ҳамчун мадраса ва

вақти дигар ҳамчун калисои масеҳӣ хидмат мекард (с. 36). Диссертант муътақид аст, ки дар воқеъ муборизаву зиддият, бархӯрди манфиатҳои империяҳои бузург (исломӣ ва римӣ), муборизаи динию сиёсӣ ва идеологӣ тавонист таъсири худро ба ҷаҳонбинии Ибни Боҷҷа расонад.

Зербоби сеюми диссертатсия ба омӯзиши масъалаи **“Сарчашмаҳои ғоявии ташаккули таълимоти фалсафӣ ва иҷтимоӣ-сиёсии мутафаккир”** бахшида шудааст. Тавре аз номи зербоб маълум мегардад, диссертант дар ин қисмати кор сарчашмаҳои юнонию мусулмониро дар инкишофи афкори фалсафии Ибни Боҷҷа қоил аст. Ба қавли диссертант ба ташаккулу такомули ҷаҳонбинии Ибни Боҷҷа таълимоти мутафаккирони Юнони Қадим, аз ҷумла Афлотуну Арасту, баъдан донишмандони мусулмон Форобию Ибни Сино ва таълимоти ашъариён, муътазилиён, ҳанафиён ва ғайра сахт муассир будаанд (с. 60). Диссертант дар ин зербоб ҳамчунин дар хусуси асарҳои эҷоднамудаи Ибни Боҷҷа маълумоти муфассал пешкаш намудааст.

Боби дуюми диссертатсия **“Таълимоти фалсафӣ ва иҷтимоӣ-сиёсии Ибни Боҷҷа”** номгузорӣ шудааст. Дар зербоби аввали боби дуюм – **“Масъалаҳои ҳастишиносӣ ва маърифатшиносӣ дар низоми фалсафии Ибни Боҷҷа”** қайд карда мешавад, ки андешаҳои Ибни Боҷҷа дар самти онтологии масъала ба назарияи ҳастишиносии Ибни Сино сахт шабоҳат доранд, яъне фалсафа ҳам аз назари Ибни Боҷҷа ва ҳам Ибни Сино маърифати ашё ба қадри тавони инсон буда, ҳама илмҳоро шомил аст (с. 66). Илова бар ин, мутолиаи диссертатсия ба он хулоса мерасонад, ки Ибни Боҷҷа на фақат дар шакли умумӣ ба онтологияи Ибни Сино пайравӣ мекунад, балки дар масъалаҳои ҷузъии ҳастишиносӣ низ вай пайрави Ибни Сино будааст. Тавре диссертант менависад дар баробари ҷавҳари аҷсом Ибни Боҷҷа дар пайравӣ ба Ибни Сино ва Форобӣ масъалаҳои назарияи сабабият, ҳаракат, макон ва замон, азалият ва абадияти олам, масъалаи тағйирот ва сабот, инчунин ҷиҳатҳои фалсафии таълимот дар бораи

нафсро мавриди таҳлил қарор медиҳад (с. 69). Диссертант дар зербоби мазкур масъалаҳои нафсу танро низ мавриди баррасӣ қарор додааст. Номбурда назарияи маърифати Ибни Боҷҷаро баррасӣ карда, ба хулосае меояд, ки мутафаккир дар ҷараёни ратсионализми баҳсомез ва реалистӣ қарор дошта, яке аз нуктаҳои асосии он мантиқ ба шумор меравад.

Зербоби дуюми боби дуюми диссертатсия **“Таълимоти Ибни Боҷҷа оид ба моҳияти ҷомеа ва шахсият”** (дар нақшаи кор “**Таълимоти Ибни Боҷҷа оид ба моҳияти шахсият ва ҷомеа”** омадааст) номгузорӣ шудааст. Масъалаҳое, ки диссертант дар ин зербоб аз осори Ибни Боҷҷа баррасӣ менамояд барои ҷомеаи имрӯза, хусусан ҷомеаи мо аҳамияти калон доранд. Масалан, диссертант менависад, ки ба таъкиди Ибни Боҷҷа тамоми амалҳои инсонӣ комилан ба нафъи шаҳр бояд равона карда шаванд (с. 95). Дар ҳоле, ки бисёре аз шаҳрвандони шаҳрҳои имрӯзаи мо баръакс, ба хотири манфиати худ ба зарари шаҳру ҷомеа амал мекунанд. Аз ин бар меояд, ки Ибни Боҷҷа ба монанди Форобӣ аз шарҳвандону шаҳрдор шаҳри ободу ҷомеаи пешрафтаро тақозо дорад. Дар зербоби мазкур сохтори ҷомеаи шаҳрӣ ва зинаҳою қабатҳои он аз назари Ибни Боҷҷа шарҳу тавзеҳ дода шудаанд. Диссертант ҳамчунин масъалаҳои вазифаю уҳдадориҳои сарвари шаҳр, файласуфону омӯзгорон, таълиму тарбия барои нигоҳ доштан ва рушд додани шаҳрро баррасӣ кардааст, ки танҳо моли таърих набуда, балки дархури ҷомеаи кунунии мо мебошанд.

Зербоби сеюми боби дуюми рисола **“Фалсафаи амалии Ибни Боҷҷа”**-ро фаро гирифтааст. Диссертант дар ин зербоб менависад, ки ба назари Ибни Боҷҷа фалсафа ба моҳияти ирода ва интихоби аъмоли инсонӣ равона гардида, илми ахлоқ ва сиёсат ба улуми инсонӣ, ки амалу рафторҳоро меомӯзад, тааллуқ доранд. Моҳияти кори тадқиқотӣ дар ин зербоб аз он иборат аст, ки ба назари диссертант Ибни Боҷҷа ба воситаи фалсафаи амалии худ ба мардум тариқи

худшиносӣ ва расидан ба саодати зиндагиро нишон доданист. Ба навиштаи диссертант фалсафаи Ибни Боҷҷа ба рушди фалсафаи шарқӣ дар Андалусия таъсир амиқ расонид. Вай ҳалқаи пайванд дар байни Форбӣ ва Ибни Рушд гашта, қабл аз ҳама дар ташаккули ақидаҳои Ибни Туфайл таъсир гузошт (с. 131).

Тамоми бобҳою зербобҳои рисола аз он шаҳодат медиҳанд, ки муаллифи он дар давраи ҷамъоварӣ ва таҳқиқи мавзӯи илмӣ таҷрибаи хуби корӣ касб намуда, бо услуби таҳқиқ, коркард ва таҳлили маводу сарчашмаҳо аз назари илмӣ таҷрибаи кофӣ андӯхтааст. Иқтибосҳои зиёд, муқоисаву таҳлили афкори мутафаккирони давру замонҳои гуногун гувоҳи онанд, ки муҳаққиқ мавзӯи илмии худро аз мавқеи илмӣ ва таърихӣ омода намудааст.

Дар хотимаи рисола натиҷаву хулосаҳо ва руйхати адабиёти истифодашуда оварда шудааст, ки қонеъкунанда мебошанд. Мазмуну муҳтавои рисолаи мазкур бо фишурдаи (афтореферати) он ҳамоҳанг аст.

**Дар маҷмӯъ ба рисолаи илмии Назаров Саъдулло Турахонович** баҳои мусбат дода, ҳамин нуқтаро ёдовар мешавем, ки он аз хатогиҳо ва нуқсонҳои алоҳида холӣ намебошад ва мо онро дар сатрҳои зерин ишора мекунем:

1. Дар қисмати сатҳи омӯхта шудани мавзӯъ диссертант таҳқиқоти оид ба мавзӯъ ба анҷом расидаро ниҳоят мухтасар баён намуда, бурдубохти он ҳама таҳқиқотро ба таври возеҳ нишон надодааст;

2. Диссертант зербоби якуми боби якуми диссертатсияро анқариб бе иқтибос таҳия намудааст. Баъзан дар 5-6 саҳифа ва бештар аз он ягон иқтибос ба назар намерасад;

3. Диссертант назарияи ҳастишиносии Ибни Боҷҷаро баррасӣ карда, таъкид менамояд, ки номбурда дар ҳалли масоили онтологӣ ба Ибни Сино сахт пайравӣ кардааст, вале дар баробари пайравӣ кардан

Ибни Боҷҷа ақидаҳои фарққунанда ва хоси худро низ дар ин хусус бояд дошта бошад, аммо мутаассифона диссертант чунин фарқиятро нишон надодааст. Агар андешаҳои Ибни Боҷҷа дар хусуси назарияи ҳастишиносӣ аз андешаҳои Ибни Сино фарқ надошта бошанд, пас Ибни Боҷҷа дар ҳастишиносӣ фикри наве пешкаш нанамудааст ва аз зери таъсири Ибни Сино берун нарафтааст. Бинобар ин, Ибни Боҷҷа дар ҳастишиносӣ, ки асоси фалсафаро ташкил медиҳад мутафаккири мустақил набудааст?;

4. Дар хулосаи зербоби якуми боби дуюм диссертант менависад: "... ақидаҳои ҳастишиносию маърифатшиносии Ибни Боҷҷа асосан дар заминаи машҳуртарин мутафаккирони юнонӣ Афлотун ва Арасту ва ҳамчунин шаҳиртарин ҳакимони машшоияи асримиёнагии Шарқи исломӣ Абӯнасри Форобӣ, Ибни Сино, Ибни Рушд ва Ибни Халдун арзи вуҷуд кардаанд". Саволе ба миён меояд, ки Ибни Рушд, ки тақрибан 40 сол ва Ибни Халдун, ки бештар аз 2 аср баъдтар аз Ибни Боҷҷа таваллуд шудаанд, чи гуна метавонистанд дар рушди афкори Ибни Боҷҷа таъсиргузор бошанд? Баръакс, таъсири ақидаҳои Ибни Боҷҷаро дар рушди афкори Ибни Рушд ва Ибни Халдун бояд ҷуст;

5. Дар қисмати хулосаҳои кор такрор ба назар мерасад. Масалан, абзатси дуюми пункти 4 ва пункти панҷуми саҳ. 133 дар саҳифаи 136 бе ягон тағйир такроран оварда шудаанд;

6. Диссертатсия хатогиҳои зиёди техникию имлоӣ дошта, таҳрирталаб аст. Масалан, дар с. 40 навишта шудааст: "Эпропаи ғарбӣ", яъне чӣ? Шояд "Аврупои ғарбӣ" дар назар бошад? Ҳамчунин ҷумлаҳои бемаъно низ дар диссертатсия кам нестанд, масалан, дар с. 41. омадааст: "Ҳарчанд таъсири бавуҷудомадаи тули таърих ба вуҷуд омадаро муҳиме дар тағйирот ёдрас нашудааст"? Яъне чӣ?

Хулоса, камбудиҳои зикршуда ҷузъӣ ба шумор рафта, хусусияти тавсиявӣ доранд. Онҳо арзиши илмии рисоларо кам намекунанд ва диссертатсияи Назаров Саъдулло Турахонович дар мавзӯи «Афкори

фалсафӣ ва иҷтимоӣ-сиёсии Ибни Боҷҷа» кори илмӣ-таҳқиқотии ба анҷомрасида аст. Диссертатсия ба талаботҳое, ки дар Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016 таҳти №505 оид ба додани дараҷаи илмии номзади илмҳо, тасдиқ карда шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳо, аз рӯи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа мебошад.

**Мудири кафедраи забони франсавии**
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон**
**ба номи Садриддин Айнӣ,**
**раиси ҷамъияти дӯстии "Тоҷикистон-Фаронса"**
**номзади илмҳои фалсафа, дотсент** **Султонзода С.А.**

Реквизитҳо:
Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121, 734003 Тел.: 992 (37) 938148639, sultonzoda83@mail.ru

**Имзои номзади илмҳои фалсафа,**
**дотсент С.А. Султонзодаро тасдиқ менамоям:**
**Сардори Шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси**
**ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ** **Назаров Д.**

ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121, 734003